Empowered lives.
Resilient nations.

# ИНЪИКОСИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ФАҚРИ БА ҚАЙД ГИРИФТАШУДАИ ШАДИД ДАР МИНТАҚАҲОИ ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН

## ГУЗОРИШИ МУХТАСАРИ ТАҲЛИЛӢ



1 NO POVERTY





Солҳои охир Тоҷикистон дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар ба пешравии назаррас ноил шудааст[1]. Ҳамзамон, камбизоатӣ барои Тоҷикистон чун дар шумораи зиёди кишварҳои дигари ҷаҳон ҳамчун мушкилӣ боқӣ мемонад. Хусусияти глобалии ин мушкилӣ дар Рӯзномаи рушди устувор барои то соли 2030 инъикоси худро ёфтааст. Дар ҳадафи аввалини рӯзномаи мазкур, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Саммити Созмони Милали Муттаҳид соли 2015 тасдиқ гардид, чунин омадааст: "Хотима бахшидан ба камбизоатӣ дар тамоми шаклҳояш дар ҷаҳон".

Тавре ки изҳороти мазкур дар назар дорад, барои расидан ба ҳадаф бояд макони камбизоатӣ маълум бошад. Гузориши мухтасари таҳлилӣ дар инъикоси географии маълумот дар бораи камбизоатӣ дар Тоҷикистон бо истифодаи маҷмӯи маълумоти ба қарибӣ тартибдодашуда – маҷмӯи маълумот оид ба индикаторҳои асосии сатҳи Ҷамоат (JAMBI) сахмгузор аст. Маълумот аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС) ҷамъ оварда шудааст. Маҷмӯи мазкур шумораи зиёди индикаторҳоро, ки маълумот дар бораи онҳо асосан дар сатҳи маҳаллӣ ҷамъ оварда шуданд, дар бар мегирад. Дар байни ин индикаторҳо якчанд нишондиҳандае мавҷуд аст, ки ба шумораи аҳолии камбизоат дар сатҳи ҷамоат (мақомоти иҷроияи маҳаллӣ) taаллуқ доранд.

**Нишондиҳандаи ҲРУ 1.1** "То соли 2030, аз байн бурдани фақри шадид барои тамоми мардум дар ҳама ҷо, ки айни замон ҳамчун мардуме, ки бо камтар аз 1.25 долл. ИМА умр ба сар мебаранд, арзёбӣ мегардад". Пешрафт дар робита бо ноилгардии нишондиҳандаи мазкур бо истифода аз индикатори зерин, андозагирӣ мешавад:

**Индикатори 1.1.1:**
Ҳиссаи аҳолие, ки поёнтар аз хати байналмилалии камбизоатӣ аз рӯи ҷинс, синну сол, вазъи шуғл ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ (шаҳр/деҳот), қарор ёфтааст

**Нишондиҳандаи ҲРУ 1.2** "То соли 2030, ҳадди ақал коҳишдиҳии нисфи ҳиссаи мардон, занон ва кӯдакони ҳамаи синну сол, ки аз рӯи тамоми андозагириҳои он, мутобиқи таърифҳои миллӣ дар камбизоатӣ умр ба сар мебаранд"

**Индикатори 1.2.1:**
Ҳиссаи аҳолие, ки поентар аз хати камбизоатии миллӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол умр ба сар мебарад

**Индикатори 1.2.2:**
Ҳиссаи мардон, занон ва кӯдакони ҳамаи синну сол, ки аз рӯи тамоми андозагириҳои он, мутобиқи таърифҳои миллӣ, дар камбизоатӣ умр ба сар мебаранд.

[1] Тибқи маълумоти расмӣ сатҳи камбизоатӣ аз 81% дар с. 2000 то 30.3% дар с.2016 поён рафт. Манбаъ: "Тамоюли коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон," Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фақри шадид (ки аз рӯи хати камбизоатии озуқаворӣи баробар бо 2,250 Ккал ба сари аҳолӣ дар як рӯз андозагирӣ мешавад) аз 20% соли 2012 то 16.8% соли 2014 коҳиш ёфт). Маълумот дар сомонаи зерин дастрас аст http://www.stat.tj/ru/news/307/



Муҳокимаи дар поён овардашуда дар таҳлили маълумоти камбизоатӣ барои 427 ҷамоати деҳот ва шаҳрак, ки дар он тақрибан 79% аҳолии кишвар умр ба сар мебарад, асос ёфтааст [2]. Дар он диққати асосӣ ба мафҳуме, ки метавон онро "фақри шадид" унвон дод, равона мегардад. Бо вуҷуди он ки имрӯз фақри шадид дар даврае, ки Тоҷикистон ба категорияи кишварҳои дорои сатҳи даромади миёна дохил мешавад, мушкилии камтар маҳсуб меёбад, принсипи "касе набояд бе таваҷҷуҳ боқӣ монад" барои рӯзномаи глобалӣ оид ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ҷои марказиро ишғол намуда, аз тарафи ҳукуматҳо, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд талошҳои ҳамоҳангшударо тақозо мекунад.

Таҳлил ва хулосаҳои дар поён овардашуда дар бораи хусусият ва тақсимоти ҷуғрофии фақри шадид маълумоти боарзишро таъмин намуда, бархе аз фарзияҳо ва тасаввуротҳои умумиро оид ба ин навъи камбизоатӣ дар Тоҷикистон тахти арзёбии интиқодӣ қарор медиҳанд. Оё баъзе аз ин хулосаҳо, ки зидду нақиз ба назар расида ба тамоюли иҷтимоию иқтисодии аслан сарфи назар шаванда ишора мекунанд, ё танҳо мушкилотро дар робита бо маълумоти асосӣ ошкор мекунанд, бояд минбаъд омӯхта шавад. Умедворем, ки таҳлили пешниҳодшуда ба фикру андешаҳо дар бораи афзалиятдиҳии ҷуғрофӣ ба талошҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, самаранокии сиёсати инъикоскунандаи талошҳои мазкур ва роҳҳои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои камбизоатӣ дар деҳот, мусоидат мекунад.

[2] Тавре дар Ҷадвали 1 поён оварда шудааст, 6,734,840 нафар аҳолӣ дар ин ҷамоатҳои соли 2015 умр ба сар мебурданд. Аз рӯи ҳисобҳои Бонки ҷаҳонӣ соли 2015 шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон 8,481,855 нафарро ташкил дод.

# Аҳолии камбизоат дар деҳот:
## масъалаҳои алоқаманд бо маълумот ва арзёбӣ

Маълумот дар бораи камбизоатӣ, ки айни замон аз ҷониби ҷамоатҳо ҷамъ мешавад дар меъёрҳои бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ муайяншуда асос меёбад [3]. Қарори мазкур аҳолии камбизоатро бо мақсади мушаххас–ҳадафгирии онҳо бо мақсади расонидани кӯмаки иҷтимоӣ дар шакли ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ ва гази табиӣ, муайян мекунад. Шумораи аҳолии камбизоат ҳамасола дар китобҳои хоҷагии ҷамоат қайд мегардад. Таҳлили дар поён овардашуда дар маълумоти дар китобҳо ба ҳолати 1 январи соли 2015 воридшуда асос ёфтааст.

Қоидаҳое, ки дар замима ба қарор оварда шудаанд, оилаҳоро (шахсони алоҳидаро) дар сурати баробар ё камтар аз 50% музди моҳонаи ҳадди ақал будани даромади миёнаи моҳонаи ҳар як узви оила (шахси алоҳида), ҳамчун камбизоат муайян мекунанд. Музди моҳонаи ҳадди ақал ба ҳолати 1 январи соли 2015 250 сомониро ташкил медод, ки баробар бо Паритети қобилияти харидории (ПҚХ) 120 долл. ИМА мебошад [4]. Ҳамин тавр, ҳадди бақайдгирии оила (шахси алоҳида) дар рӯйхати аҳолии камбизоати ҷамоат 125 сомониро (ПҚҲ 60 долл.ИМА) ташкил дод. Бо дар назардошти он ки ҳадди пулӣ ба 1.90 долл.ИМА/дар як рӯз шабоҳат дорад, ки он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун андозаи фақри шадид [5] ба таври васеъ истифода мешавад, мо оилаҳо/шахсони алоҳидае, ки дар китобҳои ҷамоат ба қайд гирифта шудаанд, бо истифода аз қоидаи қарор ҳамчун оилаҳо/шахсони алоҳидаи ниҳоят камбизоат қайд мекунем.

Истифодаи меъёрҳои алоқаманд бо даромад ҳамчун андозаи фақри шадид воситаи хеле маҳдудкунандаи баррасии масъалаи камбизоатӣ маҳсуб меёбад. Дар амал бархе аз талошҳо ҷиҳати таҳияи андозаи гуногунҷанбаи камбизоатии ҷаҳонӣ амалӣ гардиданд [6]. Бо вуҷуди ин, маълумоти дастрас дар бораи камбизоатӣ аз рӯи даромад дар сатҳи ҷамоат имконияти баррасӣ намудани маълумоти мунтазам ҷамъоваришаванда ва таҳлили тафовут дар минтақаҳои гуногуни кишварро фароҳам меоварад.



[3] "Дар бораи таҳким бахшидани кӯмаки иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат ва шахсони алоҳида," Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №.306, 28.05.2009. Ба қарори мазкур "Қоидаҳои муайян намудани оилаҳои камбизоат, муайян кардан ва пардохти ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ ва гази табиӣ", замима шудаанд.
[4] Таносуби табдилдиҳии ПҚХ барои Тоҷикистон дар соли 2015 баробар бо 2.077 буд. Дастрас дар сомонаи http://www.economywatch.com/economic-statistics/Tajikistan/Implied_PPP_Conversion_Rate/
[5] Барои маълумоти навин дар бораи меъёрҳои ПҚХ нигаред ба маводҳои Барномаи байналмилалии муқоиса, дастрас дар сомонаи http://siteresources.worldbank.org/ICPEXT/Resources/ICP_2011.html
[6] Нигаред ба мисоли Индекси гуногунҷанбаи камбизоатӣ (ИГК), ки ҳамасола аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва Ташаббуси Оксфорд оид ба камбизоатӣ ва рушди инсон ҳисоб карда пешниҳод мегардад. Дастрас дар сомонаи http://hdr.undp.org/en/content/multidimensional-poverty-index-mpi

# АҲОЛИИ НИҲОЯТ КАМБИЗОАТ: АНДОЗАГИРИИ МИНТАҚАВӢ

Маълумот дар бораи шумораи аҳолии камбизоат дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак ба қайд гирифташуда дар саросари кишвар дар Ҷадвали 1 поён оварда шудааст.

Маълумот дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ муттаҳид карда шуда, вазъи фақри шадидро дар минтақаҳои деҳоти кишвар муфассал инъикос мекунанд.

**Ҷадвали 1. Аҳолии ниҳоят камбизоати ба қайд гирифташуда дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак (мақомоти маҳаллӣ) ба ҳолати 1 январи соли 2015**

| Вилоят | Аҳолӣ | Камбизоат | Занони камбизоат | Хонаводаҳои камбизоат | Хонаводаҳои камбизоати сарваронашон занҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) | 192,136 | 4,364 | 1,722 | 803 | 257 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (марказ) | 1,842,253 | 45,758 | 18,505 | 8,668 | 3,076 |
| Халон | 2,723,180 | 65,354 | 25,395 | 11,796 | 4,315 |
| Суғд | 1,977,271 | 48,141 | 19,352 | 9,137 | 3,365 |
| **Ҳамагӣ** | **6,734,840** | **163,617** | **64,974** | **30,404** | **11,013** |

Манбаъ: Маҷмӯи маълумоти JAMBI, дар асоси маълумоти комиссияҳои ҷамоатҳо оид ба кӯмаки иҷтимоӣ

Шумораи умумии аҳолии ниҳоят камбизоат, ки аз ҷониби ҷамоатҳо ба қайд гирифта шудааст 163,617 нафарро ташкил дод [7]. Аз ин рақам 40% ба занон рост меояд. Дар ҷадвал маълумот дар бораи шумораи умумии хонаводаҳои мутааллиқ ба фақри шадид низ оварда шудааст. Сутуни охирин маълумотро дар бораи шумораи хонаводаҳое, ки сарваронашон занон мебошанд, пешкаш мекунад. Тавре ки аз ҷадвал бармеояд, тафовут байни аҳолии ниҳоят камбизоат дар саросари кишвар дар умум фарқиятро дар шумораи аҳолии минтақаҳо инъикос мекунад.

Дар Расми 1 маълумот дар бораи тафовути минтақаҳо аз лиҳози фақри шадид пешкаш шудааст. Андозае, ки дар расми мазкур истифода шудааст ҳиссаи фоизи аҳолии ниҳоят камбизоат нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ мебошад. Маълумоти дар расм овардашуда дар маълумоти якҷояи сатҳи ҷамоат ва ноҳия асос ёфта, дар шакли диаграммаи баставӣ пешкаш гардидааст. Хатти сурх дар расм арзиши медиании ҳиссаи фақри шадид барои шаст ноҳияи ба таҳлил дохил кардашуда буда дар сатҳи 2.4 фоиз қарор дорад. Арзиши медиании ҳиссаи фақри шадиди ноҳияҳо дар ҳар як минтақаи алоҳида бо хатти тақсимкунандаи баста ифода шудааст.

Расми 1. Ҳиссаи аҳолии ниҳоят камбизоат дар ноҳияҳои чаҳор вилоят, 2015




Манбаъ: Маҷмӯи маълумоти JAMBI дар асоси рақамҳои комиссияҳо оид ба кӯмаки иҷтимоӣ

[7] Маълумот дар ҷадвали мазур ва расмҳои минбаъда иттилоъро дар бораи шаҳрҳое, ки айни замон ҷузъи маҷмӯи маълумоти JAMBI нестанд, дар бар намегирад: Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода, Роғун, Истиқлол, Бӯстон, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Қурғонтеппа.

Тибқи расми мазкур арзишҳои миёна барои ноҳияҳои вилоятҳои Суғд ва НТҶ аз арзишҳои миёнаи сатҳи миллӣ баландтар буданд (ҳангоми ба ҷои арзишҳои медианӣ муқоиса намудани арзишҳои миёна хулосаи мазкур низ эътибор дорад). НТҶ низ дорои ду ноҳияи бо ҳиссаи баландтарини аҳолии ниҳоят камбизоат дар саросари кишвар мебошад – Тоҷикобод ва Рашт. Дарозии бастаҳо (ки силсилаи байниквартилиро (СБК) инъикос мекунанд, ки ба он панҷоҳ фоизи мушоҳидаҳо рост меояд) ва хатҳо (ки барои фарогирии ҳамаи нуқтаҳои маълумот дар доираи 1.5 СБК квартили наздиктарин, кашида мешавад) аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ноҳияҳо аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид дар мавриди ин ду минтақа дар муқоиса бо Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар алоҳидагӣ метавонанд тафовути калон дошта бошанд. Арзиши медианӣ барои вилояти Хатлон қариб бо арзиши медиании сатҳи миллӣ якхела буд. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ягона минтақаи дорои арзиши медиании пасттар буд. Инчунин он вилояте буд, ки дар он ноҳияҳои алоҳида аз лиҳози сатҳи фақри шадид бештар ба ҳам монанд буданд. Дар умум, тафовутҳои сатҳи ноҳиявӣ дар байни минтақаҳо аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид назаррас набуданд – андозаи ҳиссаи фақри шадид аз ду то се фоиз тафовут дошт. Ҳангоми ҷудо намудани маълумот то сатҳи ҷамоат тавофутҳо бештар аён мегарданд, таҳлили сатҳи ҷамоат дар яке аз қисматҳои навбатии гузориши мазкур оварда мешавад.

Ба ҳар ҳол ин тафовутҳои минтақавӣ дар нишондиҳандаҳои фақри шадиди бақайдгирифташуда баъзе саволҳоро дар бораи тасаввуротҳои анъанавии тақсимоти ҷуғрофии камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба миён меоранд. Хулосаҳо мухолифи маълумоти мавҷуда ва ақидаи паҳншудае мебошанд, ки фақри шадид бештар барои вилоятҳои Хатлон ва Кӯҳистони Бадахшон мушкилӣ маҳсуб меёбад. Вилояти Сугд ва НТҶ, ки дар онҳо шаҳрҳои бузургтарин Хуҷанд ва Душанбе ҷойгир шудаанд, бо нигарониҳо дар бораи камбизоатӣ бевосита алоқаманд нестанд (ба истисноаи минтақаи водии Рашт). Якчанд тадқиқоти оид ба тақсимоти минтақавии камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба қарибӣ гузаронидашуда, ки дар пурсиш ва барӯйхатгирии аҳолӣ асос ёфтаанд, вилоятҳои Хатлон ва Кӯҳистони Бадахшонро ҳамчун вилоятҳои дорои сатҳи баландтарини камбизоатӣ муайян намудааст [8].

Муқоисаи муфассалтари натиҷаҳои тадқиқоту шарҳҳои дар боло овардашуда, ки барои ҳисоби нишондиҳандаҳои расмии сатҳи камбизоатӣ дар кишвар истифода шудаанд, инчунин маълумот дар бораи аҳолии камбизоати ба қайд, ки дар ин ҷо пешкаш гардидаанд, мувофиқи мақсад мебошад. Таҳқиқи он, ки оё метавонад тафовут дар нишондиҳандаҳои фақри шадиди ба қайд гирифташуда бо мавҷудияти тафовутҳои систематикӣ ба тарзи бақайдгирии минтақаҳо ва ҷамъоварии маълумот дар бораи аҳолии камбизоат рабт дода шавад, метавонад боз як самти муҳимми омӯзишу таҳқиқи минбаъда бошад, гарчанд бо назардошти дараҷаи баланди якрангӣ дар риоя ва иҷрои дастуроти ҳукумати марказӣ аз тарафи минтақаҳо, мавҷудияти чунин тафовутҳо аз эҳтимол дур ба назар мерасад.



[8] Ташаббуси Оксфорд оид ба камбизоатӣ ва рушди инсон (OPHI). Гузориши OPHI оид ба кишвар, 2017: Тоҷикистон. Дастрас дар сомонаи: www.ophi.org.uk/multidimensional-poverty-index/mpi-country-briefings/.
Бонки ҷаҳонӣ. Инъикоси маълумот оид ба камбизоатӣ дар Тоҷикистон: Усулҳо ва хулосаҳои асосӣ, Гузориши №104003 – TJ, 25 апрели соли 2016.

Дар Расми 2 тафсилоти бештари сатҳи ноҳиявӣ дар бораи аҳолии ниҳоят камбизоати ба қайд гирифташудаи минтақаҳои кишвар оварда шудааст. Дар расм маълумот дар бораи ҳиссаи аҳолии ниҳоят камбизоат аз шумораи умумии аҳолии ноҳия бо маълумот дар бораи шумораи мутлақи чунин афрод дар ноҳияҳои алоҳида якҷоя оварда шудааст.

**Расми 2. Аҳолии ниҳоят камбизоат дар ноҳияҳои чаҳор вилоят, 2015**




Манбаъ: Маҷмӯи маълумоти JAMBI дар асоси рақамҳои комиссияҳо оид ба кӯмаки иҷтимоӣ

Хати меҳвари Y дар расм маълумоти пештар пешниҳодшударо тасвир мекунад – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (марказ) аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид аз ҳама бештар фарқ мекунанд ва арзишҳои аз ҳама баланди ин нишондиҳанда дар ин минтақа ба назар мерасад. Хати меҳвари X тафовути ноҳияҳоро аз ҷиҳати шумораи мутлақи аҳолии ниҳоят камбизоат нишон медиҳад. Шумораи аҳолии ниҳоят камбизоат бо шумораи умумии аҳолии ноҳияҳо алоқамандии сахт дорад: теъдоди аз ҳама зиёди аҳолии ниҳоят камбизоат дар ноҳияҳои дорои шумораи аз ҳама зиёди аҳолӣ ба назар мерасад: Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ваҳдат ва Ҳисор. Тавре дар расм нишон дода шудааст, дар ҳар яки аз ин чаҳор ноҳия зиёда аз 6,000 нафар аҳолии ниҳоят камбизоат умр ба сар мебарад.

# АҲОЛИИ НИҲОЯТ КАМБИЗОАТ: АНДОЗАГИРИИ ГЕНДЕРӢ

Маълумоти аз ҷониби ҷамоатҳо ҷамъоваришуда имкон медиҳад, ки тафовутҳои гендерӣ аз лиҳози фақри шадид таҳқиқ карда шаванд. Тавре ки рақамҳои дар Ҷадвали 1 овардашуда нишон медиҳанд, соли 2015 дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак 64,974 нафар зан ё 39.7% тамоми аҳолии ниҳоят камбизоат ба қайд гирифта шуданд. Аз 30,404 хонаводаи ниҳоят камбизоат, ки дар ҳамон ҷадвал оварда шуданд, дар 11,013 хонавода сарваронашон занҳо буданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз шумораи умумии хонаводаҳои ниҳоят камбизоат ҳиссаи хонаводаҳои сарваронашон занҳо 36.2% ташкил медиҳад.

Маълумоти нашршуда оид ба шумора ва фоизи занҳо дар байни аҳолии ниҳоят камбизоат – 64,974 ё 39.7% –дар робита бо тафсир/истифодаи тезиси “камбизоатӣ дар байни занон” дар шароити Тоҷикистон якчанд саволро ба миён мегузорад. Аксарияти аҳолии камбизоати ба қайд гирифташуда мардон мебошанд – тасдиқи хулосаи мазкур дар тамоми ноҳияҳои кишвар дида мешавад [9], ки он омӯзиш ва таҳлили иловагиро тақозо мекунад. Як қатор тадқиқотҳои қаблӣ дар кишварҳои мушаххас аз он шаҳодат медиҳанд, ки фақри шадид ё якхел аст, ё дар муқоиса мардон бештар дар байни занон паҳн шудааст [10]. Дар як қатор гузоришҳо омилҳое, ки ба коҳишёбии сатҳи даромад дар байни занони деҳот мусоидат мекунанд, мавриди баррасии муфассал қарор ёфтаанд [11]. Яке аз роҳҳои эҳтимолии таҳқиқи минбаъда ин мебошад: муайян намудани он ки оё меъёрҳои умумии иҷтимоӣ, таҷрибаҳои ҳаррӯза (масалан, бархӯрд бо бюрократияи давлатӣ масъулияти аввалиндараҷаи мардон мебошад), ё хусусиятҳои тартиби бақайдгирӣ метавонанд боиси он гарданд, ки занҳо худро дар сатҳи ҷамоат камтар ба қайд мегиранд. Азбаски маълумоти сатҳи ҷамоат миқдори умумии хонаводаҳои сарваронашон занонро дар бар мегирад, муқоисанамоӣ ва таҳлили он ки то чӣ андоза фақри шадид дар хонаводаҳои сарваронашон занҳо ва хонаводаҳои сарваронашон мардҳо паҳн шудааст, судманд хоҳад буд.



---

[9] Ҳиссаи фоизи занҳо дар байни тамоми аҳолии ниҳоят камбизоат аз 33% то 45% дар тамоми ноҳияҳои кишвар тафовут дошт. Ба рӯйхати ноҳияҳои дорои ҳиссаи камтарини занҳои ниҳоят камбизоат инҳо дохил шуданд: Хуросон (33%), Роғун (34%), Ёвон (35%), Ишкошим (36%), Норак (36%), Кулоб (36%).

[10] Барои мисол, нигаред ба Елена Мезентсева, Таҳлили гендерии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, СММ Занҳо, 2012.

[11] СММ Занҳо ва Фонди ҷамъиятии ПАНОРАМА, Гузориш оид ба таҳлили ҳолат: Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба осебпазирии иҷтимоию иқтисодии занҳои деҳот дар Тоҷикистон, 2014; СММ Занҳо, Қонунгузорӣ ва сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ: таҳлили гендерӣ, 2012; Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ (FAO), Хусусиятҳои гендерии воситаҳои зиндагонӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳот дар сатҳи миллӣ – Тоҷикистон, 2016. Дархирин гузориши овардашуда, вазъи маош миёнаи занон дар соли 2014 то қадре муфассал мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Музди меҳнати зикршуда (дар тамоми бахшҳои кишвар) бо 60% музди меҳнати мардон баробар буд. Тафовут дап маош қисман бо мавҷудияти теъдоди зиёди занон дар бахшои иқтисодиёти дорои маоши хурд (масъалан маориф ва тандурустӣ) маънидод мегардад ва инчунин он далел, ки дар муқоиса бо мардон, дар бештар маврид занон рӯзи нопурра кор мекунанд ва бо сабаби нигоҳубин ва тарбияи кӯдакон аз бозори меҳнатро барои муддати муайян тарк мекунанд.

Ҳиссаҳои фақри шадид, ки дар Расми 3 нишон дода шудаанд, дар таносуби хонаводаи ниҳоят камбизоат ба ҳамаи хонаводаҳои сарваронашон нафари ҷинси яккхела (зан ё мард) дар ин ноҳия, асос меёбад. Ба расмҳои қаблӣ монанд, маълумоти омории ҷамоат дар ин ҷо бо маълумоти сатҳи ноҳия якҷоя карда шудааст.

**Расми 3. Ҳиссаи фақри шадид дар байни хонаводаҳои сарваронашон занҳо ва мардҳо, 2015**




Манбаъ: Маҷмӯи маълумоти JAMBI дар асоси рақамҳои комиссияҳо оид ба кӯмаки иҷтимоӣ

Табиист, ки фақри шадид дар байни хонаводаҳои сарваронашон занҳо дар муқоиса бо хонаводаҳои сарваронашон мардҳо бамаротиб маъмулӣ буда, ба ҳисоби миёна ҳиссаи аҳолии ниҳоят камбизоат дар байни категорияи аввалӣ 11.6% ташкил дод, дар ҳоле ки андозаи ҳамон нишондиҳанда дар байни категорияи охирин танҳо 2.2% ташкил дод. Аммо, дараҷаи паҳншавӣ дар байни ноҳияҳо хеле тафовут дошт. Барои осонии пешниҳоди маълумот, дар Расми 3 ноҳияҳои ду вилоят дар ҳар як зер-расм якҷоя оварда шудаанд. Тавре расм нишон медиҳад, дар тамоми ноҳияҳо фақри шадид дар хонаводаҳои сарваронашон занҳо дараҷаи дар муқоиса бо хонаводаҳои сарваронашон мардҳо мунтазам баландтар аст. Дар ноҳияҳои Ванҷ ва Норак, тақрибан 40% тамоми хонаводаҳои сарваронашон занҳо ҳамчун хонаводаҳои ниҳоят камбизоат ба қайд гирифта шуданд, ки худ нишондодҳои аз ҳама баланди индикатори мазкур дар кишвар маҳсуб меёбанд. Дар байни ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Тоҷикобод ноҳия бо ҳиссаи аз ҳама баланди хонаводаҳои ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо мебошад. Ноҳияи Исфара дорои ҳамин гуна тафовути мушкилофарин дар вилояти Суғд буд.

# ТАФОВУТҲОИ МАҲАЛЛӢ ДАР ФАҚРИ ШАДИД

Тафовутҳои сатҳи ҷамоат дар ҳиссаи фақри шадид ва шумораи мутлақи нафарони ниҳоят камбизоат дар минтақаҳои кишвар дар Расми 4 поён оварда шудаанд. Ҷамоатҳои алоҳида дар ҳар як зер-расми минтақа аз рӯи ин ду андозаҳо инъикос карда шудаанд.

**Расми 4. Аҳолии ниҳоят камбизоат дар ҷамоатҳои чаҳор вилоят, 2015**




Манбаъ: Маҷмӯи маълумоти JAMBI дар асоси рақамҳои комиссияҳо оид ба кӯмаки иҷтимоӣ

Тавре дар расм нишон дода шудааст, ҳиссаи аҳолии ниҳоят камбизоат дар сатҳи ҷамоат аз 1% то 4% ташкил додааст. Тавре ҳангоми баррасии рақамҳои ноҳияҳо қаблан қайд гардида буд, тафовути аз ҳама назаррас дар ҳиссаҳои фақри шадид дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (марказ) ба назар мерасад. Минтақаи мазкур дорои ҷамоатҳои бо нишондиҳандаҳои хеле паст (наздик ба 1%) аз ҷумла ҷамоатҳои бо нишондиҳандаҳои хеле баланд (>3%) мебошад. Ғайр аз ин, дар вилояти Суғд тафовути назаррас дар нишондиҳандаҳои фақри шадид ба назар мерасад, ки дар он якчанд ҷамоат дорои нишондиҳандаҳои пасттар аз миёна аз рӯи индикатори мазкур мебошад. Дар ду вилояти дигар нишондиҳандаҳои фақри шадид дар доираи нисбатан маҳдуд аз 2% то 3% тафовут доштанд.

Дар расм инчунин диапазони арзишҳо барои шумораи мутлақи аҳолии ниҳоят камбизоат дар 427 ҷамоати деҳот ва шаҳраки дар ин ҷо мавриди таҳлил қарор додашуда, пешкаш гардидаанд. Диапазони мазкур аз 100 то 1,350 нафарро ташкил медиҳад ва шумораи миёнаи аҳолии ниҳоят камбизоат дар ҳамаи ҷамоатҳо 383 нафарро ташкил додааст.

Тақсимоти ҷуғрофии фақри шадид барои ҳар як минтақа дар харитаҳои минтақавии дар поён овардашуда пешкаши хонанда мегардад. Дар харитаҳо маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои фақри шадид ва шумораи мутлақи аҳолии камбизоат оварда шудааст.

**Харитаи фақри шадид барои вилояти Суғд**




Манбаъ: маълумот дар бораи аҳолии камбизоати ба қайд гирифташуда, аз маъмурияти ҷамоатҳо, маҷмӯи маълумоти JAMBI, БРСММ

Дар вилояти Суғд аксарияти ҷамоатҳо аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид дар диапазони 2%-3% қарор доранд. Дар шумораи хурди ҷамоатҳо арзиши индикатори мазкур аз 2% поёнтар буд. Ҷамоатҳои дорои шумораи мутлақи зиёдтарини аҳолии ниҳоят камбизоат дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов ҷойгир шудаанд. Чор аз панҷ ҷамоати аввалии дорои теъдоди бештари аҳолии ниҳоят камбизоат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷойгир шудаанд: Хистеварз (1,350 нафар), Унҷӣ (1,197), Исфисор (1,092), Ёва (1,035). Охирин ҷамоат дар панҷгонаи мазкур ҷамоати Ғӯлакандози ноҳияи Ҷаббор Расулов (1,030) буд.

Аз лиҳози хонаводаҳои ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо, рӯйхати панҷ ҷамоати аввалӣ фарқ мекунад. Илова бар ҷамоатҳои аз ҳама сернуфузи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ба он ҷамоатҳои ноҳияи Исфара дохил мешаванд, ки мутобиқи маълумоти дар гузориш қаблан зикршуда дорои ҳиссаи калонтарини хонаводаҳои сарваронашон занҳо мебошанд, ки дар шароити фақри шадид умр ба сар мебаранд. Ба рӯйхат ҷамоатҳои зерин дохил мешаванд: Хистеварз (101 хонавода), Унҷӣ (89), Ёва (81), Навгилеми ноҳияи Исфара (76), Чоркуҳи ноҳияи Исфара (75).




Ҷамоатҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид аз ҷамоатҳои дигар минтақаҳои мамлакат ба таври назаррас фарқ мекунанд. Теъдоди зиёди ҷамоатҳо аз рӯи индикатори мазкур дорои арзиши болотар аз 3% ва поентар аз 2% мебошанд. Ҷамоатҳои дорои ҳиссаи аз ҳама баланди фақри шадид дар водии Рашт тамаркуз ёфтаанд, гардчанд якчанд ҷамоати қисмати ғарбии минтақаи мазкур дорои нишондиҳандаи болотар аз 3% буданд – ҷамоати Бурунови ноҳияи Ваҳдат (3.6%), Бустони Файзобод (3.4%), Истиқлоли ноҳияи Шаҳринав (3.3%), Карим Исмоилови ноҳияи Ваҳдат (3.3%), Султонободи ноҳияи Рӯдакӣ (3.1%).

Ҷамоатҳои дорои шумораи мутлақи аз ҳама зиёди аҳолии ниҳоят камбизоат дар ду ноҳияи сернуфузтарин Рӯдаки ва Ваҳдат тамаркуз ёфтаанд.  Панҷ ҷамоати дорои шумораи аз ҳама зиёди аҳолии ниҳоят камбизоат Чимтепаи ноҳияи Рӯдакӣ (1,254 нафар), Абдулвосиеви ноҳияи Ваҳдат (1,179), Гулистони ноҳияи Ваҳдат (1,152),  Карим Исмоилови ноҳияи Ваҳдат (1,133), ва Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ (1,095), мебошанд.

Рӯйхати панҷ ҷамоати дорои шумораи аз ҳама зиёди хонаводаҳои ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо хеле монанд ба назар мерасид. Ба рӯйхат ин ҷамоатҳо дохил шуданд: Чимтеппаи ноҳияи Рӯдакӣ (91 хонавода), Карим Исмоилови ноҳияи Ваҳдат (88); Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ (87); Буруновi ноҳияи Ваҳдат (81), Гулистони ноҳияи Ваҳдат (81).

**Харитаи фақри шадид барои вилояти Хатлон**




Манбаъ: маълумот дар бораи аҳолии камбизоати ба қайд гирифташуда, аз маъмурияти ҷамоатҳо, маҷмӯи маълумоти JAMBI, БРСММ

Дар вилояти Хатлон аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид ҳамаи ҷамоатҳо ба диапазони 2% -3% дохил мешаванд. Ягона истисно ҷамоати Фирӯзи ноҳияи Н. Хусрав буд, ки дар он арзиши нишондиҳандаи мазкур аз диапазони мазкур каме поёнтар буд - 1,96%. Ҳиссаи миёнаи фақри шадид барои ҷамоатҳои минтақа 2,4% ташкил дод, ки бештар ба ҳиссаи миёнаи сатҳи миллӣ (2,43%) наздик мебошад.

Панҷ ҷамоати дорои шумораи мутлақи аз ҳама зиёди аҳолии ниҳоят камбизоат Заргари ноҳияи Бохтар (1,131 нафар), Бохтариёни ноҳияи Бохтар (1,008), Кирови ноҳияи Вахш (948), Н.Хусрави ноҳияи Қубодиён (880), ва Тахти Сангини ноҳияи Қубодиён (858) мебошанд.

Ҳамин ҷамоатҳо дар рӯйхати ҳудудҳои маъмурию марзии дорои шумораи аз ҳама зиёди хонаводаҳои ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо дар қаторҳои аввалин буданд: Заргари ноҳияи Бохтар (75 хонавода), Бохтариони ноҳияи Бохтар (73), Меҳнатободи ноҳияи Бохтар (66), Н. Хусрави ноҳияи Қубодиён (63), Тахти Сангини ноҳияи Қубодиён (61) ва Сарвати Истиқлоли ноҳияи Бохтар (61).

**Харитаи фақри шадид барои Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон**




Манбаъ: маълумот дар бораи аҳолии камбизоати ба қайд гирифташуда, аз маъмурияти ҷамоатҳо, маҷмӯи маълумоти JAMBI, БРСММ

Тавре харитаи боло нишон медиҳад аксарияти ҷамоатҳо дар Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон дороии арзишҳои хеле монанди ҳиссаи фақри шадид мебошанд - 2% то 2,4%. Танҳо якчанд ҷамоат дорои арзишҳои баландтар аз рӯи индикатори мазкур мебошанд. Тавре пештар қайд шуда буд, ҷамоатҳо дар минтақаи мазкур аз лиҳози ҳиссаи фақри шадид аз ҳама беш монанд буданд. Арзии миёнаи нишондиҳандаи мазкур барои ҷамоатҳои минтақа 2,3% ташкил намуд.

Бо назардошти он ки минтақаи мазкур нисбат ба дигар вилоятҳои кишвар камнуфуз аст, рақамҳои мутлақи фақри шадид барои ҷамоатҳои Бадахшон дорои андозаи гуногун мебошанд. Ҷамоатҳои бо шумораи мутлақи аз ҳама зиёди аҳолии ниҳоят камбизоат инҳо мебошанд: М. Абдуллоеви ноҳияи Ванҷ (266 нафар), Қалаи Хумби ноҳияи Дарвоз (188), К. Гадоалиеви ноҳияи Рошткала (185), Поршневи ноҳияи Шуғнон (185), ва Сучони ноҳияи Шуғнон (184). Шумораи аз ҳама зиёди хонаводаҳои ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо дар ҷамоати М. Абдуллоеви ноҳияи Ванҷ (19 хонавода), Қалаи Хумби ноҳияи Дарвоз (16) ва Поршневи ноҳияи Шуғнон (13) ба назар мерасад. Ҳафт ҷамоати ноҳияҳои гуногуни вилоят дар бораи 10 -11 хонаводаи ниҳоят камбизоати сарваронашон занҳо иттилоъ доданд.

# ХУЛОСА

Дар ҳоле ки Тоҷикистон диққатро ба тақвият бахшидани тамоми муваффақиятҳо дар самти рушд равона месозад ва тарҳҳои бузурги истеҳсоли нерӯ ва барномаҳои рушди иқтисодиро пиёда месозад, тавре дар ҳуҷҷатҳои стратегии рушди миллӣ таъкид шудааст, касе набояд бе таваҷҷуҳ монад. Дар таҳлили дар гузориши мазкур пешниҳодшуда танҳо як намуди маълумоте, ки мунтазам дар сатҳи маҳаллӣ ҷамъ мегардад истифода шудааст – маълумоти омории ҷамоат дар бораи нафарони камбизоати ба қайд гирифташуда – мақсади истифодабарии он омӯзиши моделҳои фақри шадид ва муқоисаи онҳо аз рӯи минтақаҳои кишвар мебошад.

Бархе аз хулосаҳои гузориш, бахусус онҳое ки ба тафовутҳои минтақавӣ дар нишондиҳандаҳои фақри шадид, ҷанбаҳои гендерии камбизоатӣ, ва "ҷайбҳои" ҳиссаҳои хеле хурди камбизоатӣ  тааллуқ доранд, метавонанд таҳқиқу омӯзиш ва муқоисаи минбаъдаро бо дигар манбаҳои дахлдор дар бораи камбизоатӣ, тақозо намояд. Тавре маълум гардид, нишондиҳандаҳои фақри шадид дар минтақаҳое бамаротиб баландтаранд, ки аз рӯи анъана пешрафта маҳсуб меёбанд. Инчунин муайян гардид, ки дар байни нафарони ҳамчун ниҳоят камбизоат ба қайд гирифташуда занон аккалияти назаррасро ташкил медиҳанд. Маълум гардид, ки баъзе аз ҷамоатҳо дорои нишондиҳандаҳои хеле пасти фақри шадид буда, онҳоро наметавон ба ягон хусусияти маҳаллӣ нисбат дод.

Дар гузориши мазкур дар бораи аҳамияти масъалаи андозагирии камбизоатӣ ва ҷамъоварии маълумот низ гуфта мешавад. Азбаски эҳтимолияти онро, ки баъзе аз натиҷаҳои хеле зидду нақиз метавонанд дар натиҷаи тартиби нодурусти ҷамъоварии маълумот ба даст омада бошанд, наметавон сарфи назар намуд, муҳокимаҳои коршиносон дар бораи принсипҳо ва тартиби ҷамъоварии маълумот дар сатҳи маҳаллӣ бояд фаъол гардонида шаванд. Табъу нашр ва паҳнгардонии маълумоти омории дастрас, ҳатто онҳое, ки хатогӣ доранд, метавонад ба муҳокимаҳо дар бораи воридсозии тағйироти зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати маълумот мусоидат намуда, метавонад огаҳӣ ва масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба рақамҳое, ки онҳо пешниҳод мекунанд, баланд бардорад. Уҳдадорӣ оид ба табъу нашри мунтазами маълумоти тоза метавонад дар муайян намудани тамоюлҳо мусоидат намуда, паёмадҳои чораҳои сиёсиро назорат намояд. Китобҳои ҷамоатҳо оид ба омори маъмурӣ дорои маълумоти зиёд мебошанд, аммо кадом маълумот ва чӣ тавр ҷамъ мегардад, бояд дар робита бо ин китобҳо муфассал баррасӣ гардад.

Як нигаронии равшану возеҳ, аммо хеле муҳим дар робита бо камбизоатӣ, кам нишон додани рақамҳои воқеӣ маҳсуб меёбад. Ҳарду омили тарафи «талабот» ва «пешниҳод», ки ба кам нишон додани рақамҳои воқеӣ оварда мерасонад дар мавриди пешниҳоди маълумоти омории ҷамоат оиди  аҳолии ниҳоят камбизоат, метавонанд муҳим бошанд. Азбаски ба қайдгирии нафаре ҳамчун камбизоат мақомотро аз лиҳози молиявӣ масъул мегардонад, тамоюли умумии кам намудани шумораи нафарони ҳамчун камбизоат ба қайд гирифташуда метавонад вуҷуд дошта бошад, ки худ сабаби мавҷудияти доираи маҳдуди тафовут дар нишондиҳандаҳои фақри шадид ва таносуби хеле баланд байни шумораи аҳолӣ ва шумора мутлақи аҳолии ниҳоят камбизоатро метавонад шарҳ диҳад. Омилҳои тарафи "талабот" метавонанд бори вазнини ҳисоботдиҳии ва тамғаҳои алоқаманд бо бақайдгириро дар худ дошта бошанд. Тавре, ки дар таҳлил таъкид шуда буд, пешниҳоди иттилои нокифоя аз ҷониби занон метавонад таҳлили алоҳидаи бодиққатро тақозо намояд.

Дар охир, гузориши таҳлилии мазкур ба барномарезии мақсаднок ҷиҳати қонеъ намудани аҳолии ниҳоят камбизоат даъват мекунад. Дар ҳоле, ки сатҳи фақри шадид, ки дар асоси маълумоти омории ҷамоат ҳисоб карда мешавад, нишон медиҳад, ки ин намуди камбизоатӣ – ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам маҳаллӣ – ба қисми хеле хурди аҳолӣ тааллуқ дорад (2.4% аҳолии деҳот ва шаҳр дар саросари кишвар), он барои фаъолияти гуманитарӣ ва рушд, ки ба тақвиятдиҳии устувории нафарони ниҳоят осебпазир ва қишрҳои ихроҷкардашудаи ҷомеа равона шудааст, гуруҳи  муҳимми аҳолӣ ба ҳисоб меравад.



**БРСММ дар Тоҷикистон**

кӯчаи Айнӣ, 39
Телефон: (992) 44 600 55 96 / 97
Факс: (+992 44) 6005596
Суроғаи электронӣ:
registry.tj@undp.org
Сомона: www.tj.undp.org
Твиттер: @UNDPTJK
Facebook: UNDP in Tajikistan

Аз ҷониби Олеҳ Протсик ва Дилшод Ҷалилов омода карда шуд